ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ
АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «31» 07 соли 2026 № 247/бд ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани
парвандаи аттестатсионии Нурализода М.Н.

Мутобиқи сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва банди 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, фармоиш медиҳам:

1. Диссертатсияи Нурализода Муҳйиддин Нуралӣ дар мавзуи «Таъсири омилҳои геологӣ-муҳандисӣ ба ҳолати шиддатнокӣ-шаклдигаркунии нақби гидротехникӣ НС-4 НБО-и Роғун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ дар бораи додани дараҷаи илмӣ рад карда шавад.

2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Нурализода М.Н. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро ба муассисаи илмӣ дастрас ва дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаби дараҷаи илмӣ Нурализода М.Н. аз 27.07.2026, №02-04/114 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ
АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ
ПРЕЗИДЕНТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ
БАРОБАР АСТ